# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2025. – 461 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна, ки ба таҳлили воситаҳои тасвирӣ бадеӣ дар заминаи матнҳои аслӣ ва тарҷумавӣ аз нигоҳи муқоисаи ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума бахшида шудааст, аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, мувофиқати комил дорад.

Боиси қаноатмандист, ки дар солҳои охир як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва монографии махсус рӯйи кор меоянд, ки ба масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ бахшида шудаанд. Ҳарчанд тайи даҳсолаҳои охир кори тарҷумонӣ дар кишвар вусъати тоза пайдо кардааст ва аксари жанру услубҳои матнро дар бар мегирад, вале ҷанбаҳои гунонуни таҳқиқи ҳусни тарҷумаи матнҳои гуногун, бавижа матнҳои бадеӣ, ба таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқон ниёз дорад. Диссертатсияи мавриди тақриз яке аз корҳои илмӣ-таҳқиқиест, ки ба пажуҳиши ҷанбаҳои забонии баъзе аз воситаҳои тасвири бадеӣ ва вижагиҳои тарҷумаи онҳо дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар мукаммалсаозии тарҷумашиносии тоҷик вобаста ба мушкилоти забонии тарҷума саҳми арзандаи худро мегузорад. Аз ин лиҳоз, мавзуи мазкур, бешубҳа, **мубрам** ва таҳқиқи он дар ин марҳилаи рушди забон ва тарҷумашиносии тоҷик саривақтӣ аст.

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқи масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва тарҷумашиносиро омезиш дода, масъалаҳои мубрами низоми муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ ва таҳвили онҳоро дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Чунонки аз мутолиаи диссертатсияи мавриди тақриз бармеояд, воситаҳои тасвири бадеӣ аз ҷониби муаллифони матни бадеӣ бо мақсадҳои гуногуни услубӣ корбаст мешаванд. Аз ин ҷост, ки ҳангоми интиқоли ин воҳидҳои забон мушкилоти услубӣ пеш меоянд, ки бартарафсозии онҳо аз маҳорату малакаҳои тарҷумон вобастагӣ дорад. Чун тамоми тобишҳои маъноӣ ва услубии воҳидҳои забон дар фарҳангу луғот ба таври возеҳу равшан инъикос намеёбанд ва имконияти онҳо моҳиятан аз ин лиҳоз маҳдуд аст, нозукиву душвориҳои марбутаи тарҷума дучанд мегарданд. Бояд тазаккур дод, ки дар пажуҳиши Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна маҳз ҳамин гуна ҳолатҳои ҷолиби

тарҷумаи намудҳои барҷастаи воситаҳои тасвири бадеӣ хуб баррасӣ шудаанд.

Ногуфта намонад, ки дар тарҷумашиносии Ғарб ва Русия масъалаҳои марбут ба тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ ақидаҳои ҷолиб ба мушоҳида мерасанд, вале татбиқи ақидаҳои назарӣ дар мисоли матнҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷумашиносии тоҷик дар диссертатсияи мазкур хуб инъикос ёфтаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Пажуҳиши анвои воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ ва вижагиҳои тарҷумаи онҳо дар забоншиносӣ зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад, зеро ҷанбаҳои сохториву маъноӣ, дар умум тарҷумаи онҳо барои ҳалли мушкилоти масоили кулли воситаҳои тасвири бадеӣ мусоидат менамояд, ки ба таври мукаммал дар диссертатсия оварда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бештари масъалаҳои мавриди пажуҳиш дар забоншиносии тоҷику англис дар доираи диссертатсияи докторӣ бори нахуст баррасӣ мешаванд. Нахуст дар диссертатсия кӯшиш шудаст, то низом ва сохтори баъзе воситаҳои тасвири бадеии ду забон, ки то ҳол пажуҳиши комил нашудааст, муайян карда шавад. Ба андешаи муҳаққиқ, ин намунаҳо дар забонҳои муқоисашаванда метавонанд ҳамгун бошанд, аммо низоми забон, фарқ мекунад, ки ҷолиби диққат аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ таҳлили гуногунии маҷоз ва мундариҷаи он ба шумор меравад, ки дар эҷоди образҳои бадеӣ нақши назаррас дорад. Чунонки аз таҳлили диссертатсия маълум шуд, таҳқиқи вижагиҳои корбаст ва сифати тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар заминаи намудҳои мушаххас ва барҷастаи онҳо, чунончи, истиора, ташбеҳ, метонимия ва навъҳои он, тамсил, киноя, ифодаи эзоҳӣ, муболиға ва тасғир сурат гирифтааст. Воқеан, баррасии тамоми навъҳои воситаҳои тасвири бадеӣ дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз имкон берун аст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** мутобиқи мақсад ва вазифаҳои диссертатсия тасвият шудаанд, ки муҳтавои асосии онҳо чунин аст: сабаби асосии мушкилоти омӯзиши маҷоз мураккабӣ ва гуногунии сохтор, маъно ва тарҷумаи он мебошад; ҷиҳати ошкор сохтани нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни бадеӣ таҳлили луғавӣ ва дастурӣ, тавсифи навъҳои маҷоз, муайян намудани моҳияти маҷоз дар забонҳои мавриди таҳқиқ, шабоҳат, фарқ ва бемуодилии воҳидҳои маҷозӣ ва ғайра ба мақсад мувофиқ дониста шудааст; аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқ омӯзиши муқоисавии маҷоз чун асоси воситаҳои образнок аз нигоҳи сохтор ва маъно ва хусусияти тарҷума асоснок карда шудааст; умумият ва фарқи усулҳои ифода ва гурӯҳбандии воситаҳои тасвири бадеӣ дар ду забон муайян карда шудааст; аз таҳлили тарҷумаҳо маълум карда шудааст, ки номувофиқӣ бештар дар омилҳои дастурӣ ва луғавӣ-услубӣ зоҳир мегарданд; натиҷаҳои кор собит сохтаанд, ки тафовути

сохторӣ ва маъноии байни воситаҳои тасвири бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сабаби дақиқ ифода нашудани баъзе маҷозҳо дар луғатҳои дузабона гардидааст; омӯзиши воситаҳои тасвири бадеӣ дар маводи насрии ду забон аҳаммияти беназир дорад ва татбиқи нодурусти тарзи тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ боис ба тарҷумаҳои номуносиб мегардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷа ва хулосаҳову тавсияҳои манзуркардаи муаллиф дар заминаи маводди назарӣ ва амалии боэътимод сурат гирифтааст. Таҳлили илмии тарҷумаҳо дар заминаи ақидаҳои олимони соҳа низ асоснок ва боэътимод будани хулоса ва тавсияҳои диссертатсияро собит мекунанд.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз аҳаммияти назарӣ бархӯрдор аст, зеро натиҷаҳои он назарияи воситаҳои тасвири бадеиро аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума пурра намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи хуб фароҳам меоранд. Гузашта аз ин, пажуҳиши мазкур метавонад ҳамчун мавод барои гузаронидани курсҳои назари грамматика, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, курсҳои махсус истифода шавад. Ҳамзамон, таҳқиқи аноҷмшуда барои рушди таҳқиқоти муқоисавии забонҳо дар забоншиносии муқоисавӣ ва маърифатӣ, назария ва амалияи тарҷума, услубшиносӣ ва фарҳангшиносӣ муҳим аст.

Ҳамчун бартарӣ ва аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон зикр намуд. Натиҷаҳои амалии марбут ба хусусияти воситаҳои тасвири бадеиро дар дарсҳои грамматикаи амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин, дар навиштан ва таҳия намудани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадию докторӣ ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои пажуҳиш ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 461 саҳифаи чопи компютерӣ омода шудааст.

**Муқаддимаи** диссертатсия тибқ талаботи барасмиятдарории диссертатсия танзим гардида, дар он мубрам будани мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносӣ»** ном дошта, фасли якуми он ба

пажуҳиши ҷанбаҳои забонии корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ бахшида шудааст.

Дар ин фасл асоси омӯзиш ва пайдоиши воситаҳои тасвири бадеӣ таҳлилу баррасӣ шуда, хусусиятҳои хоси онҳо муайян гардидаанд. Ба андешаи муҳаққиқ истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ба нутқ як ҷаззобияти хоссае мебахшад. Диссертант бар он назар аст, ки «вижагиҳо ва хосиятҳои нутқ ба афкору эҳсоси одамон вобастагии комил доранд, ки таваҷҷуҳ ва таассуроти шунаванда ва хонандаро бедор карда, суханро ҷолиб ва ҷаззоб менамоянд. Санъатҳои бадеӣ барои гуфтори возеҳ, сареҳу саҳеҳ, ифоданок ва муассир истифода мешаванд, ки дар адабиёти бадеӣ доираи истифодаи васеъ доранд» (с. 42-45).

Дар фасли дуюми боби аввал таҳти унвони **«Марзгузории мафҳумҳои луғавӣ ва истилоҳии воситаҳои тасвири бадеӣ дар заминаи фарҳангҳо»** масоили истилоҳии воситаҳои тасвири бадеӣ дар асоси фарҳангҳои тафсирию дузабона таҳлил гардида, варианти ягона ва мувофиқ барои ифода намудани воситаҳои тасвири бадеӣ пешниҳод гардидааст.

Назари диссертант ба таснифоти воситаҳои тасвири бадеӣ хеле арзишманд аст. Вай бар он ақида аст, ки: «Дар амал ақидаи олимон дар бораи таснифоти маҷоз ба назария ва амалияи тарҷума мувофиқат намекунад ва чандон дақиқ нестанд, зеро ҳамаи онҳо бо як ном истифода мешаванд. Масалан, вожаи ***«троп»*** дар луғатҳо ҳам ***«маҷоз»*** ва ҳам ***«истиора»*** тарҷума шудааст, вале дар амал ҳамчун ***«метафора»*** ё ***«аллегория»*** истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ ***«истиора»*** ба забони русӣ чун *троп, метафора, аллегория* ва ғайра тарҷума дорад. Агар ***«аллегория»*** дар забони русӣ тамоми маъноҳои ***«троп»***-ро ифода карда бошад, пас дар забони тоҷикӣ онҳо чӣ тавр истифода мешаванд? Бар асоси ин метавон гуфт, ки навъҳои маҷоз дар адабиёти бадеӣ маъноҳои махсус дошта, ҳамчун силсилаи муродифӣ истифода намешаванд ва ба ҷойи истилоҳи ***«троп»,*** асосан, ***«маҷоз»*** корбурд мешавад» (с. 61). Чунин масъалагузорӣ аз арзиши баланди диссертатсия ва муваффақ гардидан дар иҷрои ҳадафи дар диссертатсия гузошташуда гувоҳӣ медиҳанд.

Муҳаққиқ ақидаи олимони шинохтаи тоҷик ва хориҷиро роҷеъ ба ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ оварда, дар баъзе маврид андешаи худро баён кардааст, ки нишонаи назари хоси худро доштани диссертанд мебошад. Ба андешаи ӯ асоси матни бадеиро воситаҳои тасвири бадеӣ ташкил медиҳанд. Масалан, «дар матни бадеӣ дар қиёс бо дигар матнҳо ва сабкҳои дигар (хусусан, дар баробари адабиёти илмӣ) баъзе усулҳо ва истифодаи воситаҳои баёни бадеӣ мавқеи хеле назаррас доранд. Аз ин рӯ, истифодаи маҷоз, одатан, муносибати ҷолибро байни хонанда ва муаллиф нишон дода, барои дарки баланди ҳиссиёти муаллифи асар аз ҷониби хонанда заминаи мусоид фароҳам меорад» (с. 76).

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ»** масъалаҳои

назарӣ ва амалии саноеи бадеӣ бо мисолҳои мушаххас баррасӣ гардидаанд. Дар фаслҳои якум ва дуюми ин боб нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ баррасӣ шуда, роҳҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ ва хусусияти маънои аслӣ ва маҷозии воҳидҳои забонӣ оварда шудааст, то ҳангоми тарҷума ба инобат гирифта шаванд: ›Возеҳ аст, ки дар чунин ҳолатҳо мушкилии тарҷума дар ноил шудан ба муодили услубӣ ва маъноӣ ё иртибот байни забони асл ва забони тарҷума маҳорати эҷоди вожаву образҳои бадеӣ мебошад. Баробарии калимаҳои услубӣ ва маъноӣ дар матни асл ва тарҷума робитаи на танҳо хусусияти субъектӣ-мантиқӣ, балки маънои коннотативии онҳоро, ки хусусияти дарки хонандаро инъикос мекунад, пешбинӣ мекунанд. Вобаста ба ин, гуфтан лозим аст, ки дар интишори маънои коннотавии калима дар забони асл ҷузъҳои эҳсосӣ, услубӣ ва образии он нақши асосиро мебозанд» (с. 90).

Дар фасли сеюми боби дуюм, ки **«Мулоҳизаҳо дар бобати назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ дар даврони муосир»** ном дорад, оид ба хусусиятҳои хоси тарҷумашиносии тоҷик ва асарҳои тарҷумашуда назари муаллифи диссертатсия баён шудааст. Муҳаққиқ тарҷумаи осори бадеиро пайвандгари халқияту миллатҳои гуногун арзёбӣ намуда, ба он назар аст, ки «тарҷумаи осори адабӣ на танҳо дар шинохти адибони як халқ ба халқи дигар, балки пайвандгари халқу миллат ва фарҳангу тамаддун буда, василаи инкишофи адабиёти бадеӣ маҳсуб меёбад ва гуфтугӯйи фарҳангҳо ва донистани дастовардҳои бузурги адабӣ маҳз тавассути тарҷумаи бадеӣ ба вуҷуд омада, бахри шукуфоии фарҳангу тамаддуни миллат заминаҳои муҳим фароҳам меорад. Дар ин ҷо метавонем теъдоди зиёди осори адабиёти тоҷику форсиро ба забонҳои ҷаҳонӣ мисол орем. Инро саҳми амалии тамаддуни форс-тоҷик дар фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ номгузорӣ кардан мумкин аст. Ба шарофати тарҷума ганҷинаҳои адабиёти форсу тоҷик ба адабиёти ҷаҳонӣ табдил ёфта, ба як мактаби неруманди илмӣ табдил ёфтааст ӯ» (с. 104).

Дар боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва услубии санъатҳои бадеӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ва фаслу зерфаслҳои он хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва ифодаи намунаҳои барҷастаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва таснифоту гурӯҳбандии онҳо баррасӣ гардидааст. Таҳлили мисолҳо нишон медиҳанд, ки роҷеъ ба намунаҳои воситаҳои тасвири бадеӣ мисолҳои мушаххас ва зиёд ҷамъоварӣ шуда, хусусиятҳои хоси анвои санъатҳои бадеӣ таҳлили амиқу дақиқ гардидаанд.

Дар боби чорум **«Вижагиҳои татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ (дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)»** татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи санъатҳои бадеӣ нишон дода шудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ «хусусиятҳои хоси луғавӣ дар матнҳои бадеӣ мушоҳида карда мешаванд ва таркиби луғавии матни бадеӣ дар раванди тарҷума аҳаммияти муҳим

пайдо мекунад. Ҳамин тавр, дар ҷараёни тарҷумаи осори адабӣ хусусиятҳои луғавӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини тарҷума ба ҳисоб меравванд» (с. 233).

Боби панҷуми диссертатсия, ки **«Хусусияти тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар робита ба масъалаҳои «тарҷуманопазирӣ» дар асоси осори бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дорад, ба масъалаи воситаҳои тасвири бадеии таркиби воҳидҳои бемуодил ҳамчун падидаи "тарҷуманопазир" бахшида шудааст. Андешаи муҳаққиқро роҷеъ ба тарҷуманопазирии воҳидҳои бемуодил дар диссертатсия беназир арзёбӣ кардан мумкин аст, зеро баъд аз ҳар як андеша бо мисолҳои мушаххаси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ далелу таҳлилҳои муҳим оварда шудааст. Масалан, «табиист, ки дар раванди тарҷумаи осори бадеӣ санъатҳои бадеӣ барои мутарҷимон як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад, зеро маъно дар онҳо ба таври маҷозӣ ифода ёфта, ба мазмуни матни асл ва ифодаи дақиқи матн таъсири манфӣ мерасонад, вале дар ҳар сурат онҳо тарҷумапазир мебошанд. Талафи қисман ё пурраи мазмун ба мундариҷаи матни асл зарар мерасонад, аз ин рӯ, омили асосии эҷоди унсурҳои "тарҷуманопазир" воситаҳои баён маҳсуб меёбанд» (с. 358).

Мушкилоти асосии инро диссертант дар тарҷумаи таҳтуллафзии онҳо мебинад.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Ҳ.Т. Соҳибназарова аз 24 банд иборат буда, бо далелҳои муҳим ва мубрам асоснок гардидааст. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳлил ва баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва баръакс ба хулосе меояд, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дорои тобиши волои муассирӣ буда, ҳангоми тарҷума барои тарҷумон мушкилиҳои гуногунро ба бор меорад, зеро дар бештари онҳо тобишҳои миллию фарҳангӣ ниҳон аст ва вазифаи тарҷумон дар ин ҷода, ба хонандаи асари бадеӣ расонидани завқи баланди эстетикӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ҷиҳати таъмини тарҷумаи саҳеҳ ва аз нигоҳи услуб ва маъно корбурди воситаҳои тарсвири бадеӣ тарҷумонро лозим меояд, ки асолати фарҳангию миллӣ, таъсирнокӣ ва назокату фасоҳати матни аслро дар матни тарҷума ҳифз намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 26 мақола дар дигар нашрияҳо, аз қабили, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа гардидааст.

Дар диссертатсия аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ – методҳои мушоҳида (таҳлили маводди назариявӣ), таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, таҳлили сохторӣ ва функсионалии онҳо, хусусиятҳои маъноӣ-наҳвӣ ва амсоли инҳо истифода карда шудааст.

Феҳристи адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмию бадеӣ, фарҳангҳо ва захираҳои интернетиеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Диссертатсия оид ба таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои хоси воситаҳои тасвири бадеӣ ва ҷанбаҳои забонию тарҷумаи онҳо дар доираи ду забон анҷом дода шудааст. Аммо дар муқаддима дар банди «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муҳақиқ танҳо таҳқиқоти аз ҷониби тоҷикзабонон анҷомдодаро ишора намудааст, ҳоло он ки дар забони англисӣ он муддати хеле дароз ва самаранок мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Хуб мешуд агар корҳои чанде аз забоншиносони хориҷӣ дар ин банди кор номгир мешуданд.

2. Дар боби аввали рисола муҳақиқ мавқеи худро дар бораи моҳият ва хусусиятҳои хоси воситаҳои тасвири бадеӣ на ҳамеша равшан баён карда, дар ин масъала бештар ба осори мавҷуда такя мекунад.

3. Агар дар диссертатсия таснифи омории воситаҳои тасвири бадеӣ истифода мешуд, ҳусни пажуҳиши анҷомшударо афзун мекард.

4. Хуб мешуд дар диссертатсия варианти тоҷикии баъзе истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ истифода мешуданд (философия, деннотативӣ, эстетикӣ, эмотсионалӣ ва ғ.).

5. Баъзе мисолҳо аз асарҳои бадеӣ дар диссертатсия такрор омадаанд. Агар бархе аз онҳо аз матни диссертатсия гирифта мешуданд, ҳаҷми рисола кӯтоҳ ва шиносоӣ бо он хеле осон мегардид.

6. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд (с. 17, 19, 20, 27, 53, 65, 86 ва автореферат 5, 7, 9, 20, 24).

Камудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси номбаршуда сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
директори Муассисаи давлатии таълимии
«Мактаби Президентӣ барои кӯдакони
болаёқат дар ноҳияи Данғараи
вилояти Хатлон» Каримзода Шухрат Бозор

28-уми апрели соли 2025
**Нишонӣ:** 735324 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, н. Данғара, д. Раҳмониён
Тел.: (+992) 938-37-00-22
E-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru

Имзои Ш.Б. Каримзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ «Мактаби Президентӣ
барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи
вилояти Хатлон» Умаров Лутфулло Довудович

**Нишонии муассиса:** 735324 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, н. Данғара, д. Раҳмониён
Тел: (+992) 985-11-24-75
E-mail: m_p.d@mail.ru
28-уми апрели соли 2025